«Мувофиқа шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________ С. Наҷмиддинов
аз “10” декабри соли 2012
№ 3-12а/2

«Тасдиқ шудааст»
бо Фармоиши Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз “07” декабри соли 2012
№ 12-ф

# Дастурамал
# «Дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози низоми соддакардашуда»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамал дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози низоми соддакардашуда (минбаъд – «Дастурамал») дар асоси қисми 10 моддаи 297 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – «Кодекси андоз») таҳия шуда, супорандагони андоз, объекти андозбандӣ, манбаи андоз, меъёри андоз, давраи андоз, тартиби ҳисоб кардани андоз, тартиб ва муҳлати пардохти андоз ва имтиёзҳои андозро муайян менамояд.

2. Низоми соддакардашудаи андозбандӣ (минбаъд дар матн – «андози низоми соддакардашуда») низоми махсуси андоз мебошад, ки мутобиқи он субъектҳои соҳибкории хурд андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ё андоз аз даромад барои соҳибкорони инфиродиро бо тартиби соддакардашуда пардохт менамоянд.

3. Субъектҳои соҳибкории хурде, ки даромади умумии бо усули кассавӣ ҳисобшудаи онҳо дар соли пешинаи тақвимӣ (бе дарназардошти андози аксизӣ, андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия)) аз 500 ҳазор сомонӣ (минбаъд дар матни Дастурамал – «ҳадди даромад») зиёд намебошад, дар асоси талаботи ҳамин Дастурамал андозбандӣ карда мешаванд.

## 2. Супорандагони андоз

4. Супорандагони андози низоми соддакардашуда инҳо мебошанд:

а) шахсоне, ки фаъолияти соҳибкории онҳо дар соли ҷории тақвимӣ оғоз ёфтааст, новобаста аз воқеияти барасмиятдарории бақайдгирии давлатии ин шахсон;

б) шахсоне, ки ба шартҳои банди 3 ва зербанди а) банди 21 ҳамин Дастурамал ҷавобгӯ мебошанд.

5. Андози низоми соддакардашуда нисбат ба андозсупорандагони зерин татбиқ намегардад:

а) шахсони воқеие, ки ба сифати соҳибкорони инфиродӣ тибқи патент ба қайд гирифта шудаанд ва нисбат ба даромадҳо аз чунин фаъолияти соҳибкорӣ бо андозҳои низоми патент андозбандӣ мешаванд;

б) соҳибкорони инфиродии истифодакунандаи низоми соддакардашудаи андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои даромадҳое, ки андозбандии онҳо дар доираи низоми соддакардашудаи андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба танзим даровардa нашудааст;

в) шахсони истифодабарандаи низоми соддакардашудаи андозбандии субъектҳои бизнеси бозӣ, ба истиснои даромадҳое, ки ба бизнеси бозӣ тааллуқ надоранд.

Ҳамин тариқ шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва (ё) намояндагиҳо, аз он ҷумла филиалҳо ва (ё) намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси Шаҳодатнома амалӣ менамоянд, аз ҷумла соҳибкорони инфиродие, ки субъектҳои Минтақаҳои Озоди Иқтисодӣ ба ҳисоб меравaнд, дар соли бақайдгирии давлатӣ ва минбаъд то лаҳзаи зиёд шудани ҳадди даромад ӯҳдоранд андози низоми соддакардашудаи андозбандиро пардохт намоянд. Ба ғайр аз ин шахсоне, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди а) банди 21 Дастурамал ҳам ӯҳдоранд андози низоми соддакардашудаи андозбандиро пардохт намоянд.

***Мисол:*** *Фаъолияти асосии ҶДММ «Алфа» гузаронидани лотерея ва барои муштариён пешниҳод намудани роҳравҳои бозии музднок барои бозии боулинг ба ҳисоб меравад. Инчунин, Ҷамъият бо воситаи шабакаи нуқтаҳои фурӯши худ аз фурӯши маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва молҳои ниёзи мардум даромад мегирад.*

*Дар мисоли мазкур, мутобиқ ба зербанди в) банди 5 ҳамин Дастурамал Ҷамъият танҳо оид ба даромадҳо аз фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ ва молҳои ниёзи мардум супорандаи андози низоми соддкардашуда ба ҳисоб меравад. Даромади Ҷамъият аз гузаронидани лотерея ва ташкили бозии боулинг бо андози бизнеси бозӣ андозбандӣ карда мешавад.*

6. Филиалҳо, намояндагиҳо, инчунин дигар воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқии резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони мустақили андози низоми соддакардашуда шуда наметавонанд. Шахси ҳуқуқӣ (воҳиди асосии корхона) мустақилона бо тартиби марказонидашуда аз рӯи маҳалли бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ (воҳиди асосии корхона) андози низоми соддкардашударо ҳам аз даромади худ ва ҳам аз даромади филиал, намояндагӣ ё дигар воҳидҳои алоҳида пардохт менамояд. Дар ин сурат ҳангоми ҳисоб намудани ҳадди даромади умумӣ бо мақсади гузариш аз низоми соддкардашудаи андозбандӣ ба низоми умумии андозбандӣ (500 000 сомонӣ) ҳамаи даромадҳои шахси ҳуқуқӣ, инчунин даромадҳои филиалҳо, намоянданиҳо ва дигар воҳидҳои махсуси он ҷамъ карда мешаванд.

***Мисол:*** *ҶДММ «Алфа» резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе бақайд гирифта шудааст. Ҷамъият, инчунин дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон филиал дорад. Бо ҷамъбасти соли 2013 даромади умумии Ҷамъият 400 000 ҳазор сомонӣ ва даромади умумии филиал 200 000 сомониро ташкил дод. Дар мисоли мазкур даромади умумии Ҷамъият ва инчунин даромади умумии филиали он ба андозаи 600 000 сомонӣ расман эълон кардашуда ва бо андози низоми соддакардашуда аз тарафи худи Ҷамъият (воҳиди асосии корхона) андозбандӣ карда мешавад. Эъломия ва маблағи ҳисобшудаи андоз танҳо ба маҳалли бақайдгирии ҶДММ «Алфа» пешниҳод шуда ва маблағи андоз падохт карда мешавад. Бо назардошти он ки дар мисоли мазкур даромади умумии Ҷамъият бо назардошти даромади умумии филиали он аз ҳадди даромад 500 000 сомонӣ зиёд шудааст, Ҷамъият уҳдадор аст аз 1 январи соли 2014 ба низоми умумии андозбандӣ гузарад.*

## 3. Объекти андозбандӣ

7. Объекти андозбандии андози низоми соддакардашуда даромади умумӣ, аз ҷумла даромад аз таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо, инчунин даромади дигари бадастомада мебошад, ба истиснои даромадҳое, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ карда шудаанд.

Барои мақсадҳои Дастурамали мазкур даромади умумӣ зиёдшавии манфиатҳои иқисодӣ дар натиҷаи воридоти активҳо (воситаҳои пулӣ, молу мулки моддӣ ва ғайримоддӣ) ё руйпӯш намудани ӯҳдадориҳо (байни худ ҳисоббаробаркунӣ), ки ба зиёдшавии сармояи хусусии андозсупоранда меорад, инчунин даромадҳои ғайрифурӯши ва амалиётии андозсупоранда, эътироф карда мешавад.

8. Ба даромадҳои ғайрифурӯшӣ ва амалиётии андозсупоранда дохил мешаванд:

- воридоти ҷаримаҳо, пеняҳо, ҷаримаи аҳдшиканӣ барои вайронкунии шартҳои шартнома, ҳамчун қарздор эътирофшуда, ҳамчунин бо тартиби судӣ ҳукмшуда;
- активҳои ройгон, аз он ҷумла аз иштироккунандагон (саҳмдорон) ё тибқи шартномаи тӯҳфа гирифташуда. Дар ин ҳолат арзиши молу мулки ройгон гирифташуда аз рӯи нархи бозорӣ дар лаҳзаи гирифтани онҳо муайян карда мешавад;
- воридот аз ҳисоби руйпӯш намудани зарарҳои овардашуда, ҳамчун қарздор эътирофшуда, ҳамчунин бо тартиби судӣ ҳукмшуда;
- фоидаи солҳои гузашта, ки дар соли ҳисоботи ошкор карда шудаанд;
- маблағҳои қарзҳои кредиторӣ ва депонентӣ, ки аз рӯи онҳо мӯҳлати мурур гузаштааст дар лаҳзаи аз ҳисоб баровардани маблағи қарз дар баҳисобгирии муҳосибӣ андозсупоранда ҳамчун арзиш надошта;
- фарқияти мусбии қурбӣ ва пулӣ аз рӯи баҳодиҳии асъори хориҷӣ ва қарзҳои дебиторӣ, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд;
- фоизҳои тибқи шартномаҳои қарз, кредит гирифташуда;
- пардохти иҷоравӣ, роялти ва дигар шаклҳои подошпулии ҳуқуқ

барои истифода.

9. Барои мақсадҳои Дастурамали мазкур воридот (даромад) дар чунин шаклҳо даромади умумии андозсупоранда эътироф карда намешавад:

- аксизҳо, андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия;

- маблағҳои аз ҷониби андозсупоранда тибқи шартномаҳои комиссионӣ, фармоишӣ ва дигар шартномаҳои шабеҳ гирифташаванда, ки ба манфиати комитент, принсипал пардохта мешаванд, ба истиснои маблағҳои подошпулӣ ва маблағҳои руйпӯш намудани хароҷотҳои комиссионер, вакил пардохташаванда.

Агар ҳамаи талаботҳои қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати риояи шартҳо барои бастан ва минбаъд татбиқ намудани шартномаҳои шабеҳ риоя нашуда бошанд, ва (ё) моҳияти муомилот ба шакли он мутобиқ набошад аз ҷониби мақомоти андоз метавонад ин муомилот ҳамчун хариду фурӯш баҳо дода шавад. Мутобиқ ба ин даромади умумӣ барои мақсадҳои ҳисоб намудани андози низоми соддакарадшуда доир ба шартномаҳои комиссия, супоришӣ ва шартномаҳои шабеҳ ҳамаи маблағи гирифташудаи андозсупоранда, ҳамчун ба хариду фурӯш монанд, эътироф карда мешавад.

- гарав, агар дар шартнома ба дорандаи гарав супоридани молу мулки гузошташуда пешбинӣ шуда бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки молу мулки гузошташуда ба моликияти (соҳибии) дорандаи гарав дода мешавад (бегона карда мешавад);

- гирифтани маблағи асосии кредит, қарз, ки ба анндозсупоранда, қарзгиранда пешниҳод шудааст;

- ҳиссаҳои аз ҷониби андозсупоранда дар сармояи оинномавӣ ё захиравии ӯ аз иштирокчиён (саҳҳомиён) дар шаклӣ пулӣ ё натуралӣ гирифташуда, инчунин ба иштирокчӣ (саҳмдор) пардохт намудани маблағи ҳиссаи ӯ ҳангоми аз ҷамъит баромадани иштирокчӣ (саҳмдор) ё дар сурати барҳамдиҳӣ ё қатъ намудани фаъолияти муштарак дар доираи маблағҳои ҳиссаҳои аввалини чунин иштирокчӣ (саҳмдор).

10. Тартиб ва шарти эътироф намудани баҳодиҳии андозаи даромад, ки аз фаъолияти андозсупорандагон дар асоси хазинавӣ гирифта шудааст, мутобиқи сиёсати баҳисобгирии худи андозсупоранда, ки дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда ва тартибҳои методии дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд, бо тасҳеҳҳои барои риояи шартҳои Дастурамали мазкур зарур муайян карда мешавад.

11. Даромади умумии супорандаи андози низоми соддакардашуда бо усули кассавӣ муайян карда мешавад.

12. Даромади умумии дар давраи ҳисоботӣ бадастовардаи шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки фаъолияти худро тавассути филиал ва (ё) намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, дар асоси даромадҳои он, ки аз манбаъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудаанд, муайян карда мешавад. Барои муассисаи доимии ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз он ҷумла барои филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ) объекти андозбандӣ, инчунин маблағҳои барои нигоҳдории

идораи (офиси) намояндагӣ, филиал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (иҷора, музди меҳнат, хароҷотҳои идоравӣ ва дигар хароҷотҳои шабеҳ) дар давраи ҳисоботӣ гирифташуда эътироф карда мешавад. Номгӯи даромадҳои аз манбаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда дар банди 24 моддаи 17 Кодекси андоз оварда шудааст.

13. Лаҳзаи гирифтани даромад ҳангоми истифодаи усули кассавӣ ба ҳисоб меравад:

а) агар андозсупоранда воситаҳои пулӣ гирад, пас лаҳзаи гирифтани даромад лаҳзаи гирифтани воситаҳои пулии нақд ва ҳангоми пардохтҳои ғайринақдӣ – лаҳзаи қабул намудани воситаҳои пулӣ дар суратҳисоби ӯ дар бонк, ё дар дигар суратҳисобе, ки ӯ метавонад ихтиёрдорӣ кунад ё аз оне, ки ӯ ҳуқуқ дорад маблағҳлои зикргардидаро гирад;

б) агар ҳисоббаробаркунӣ бо усули кассавӣ барои дастрас намудани молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо дар давоми зиёда аз 6 моҳи тақвимӣ бо усули кассавӣ анҷом дода нашавад, новобаста ба муқаррароти зербанди а) банди 13 ҳамин Дастурамал, барои мақсадҳои андозбандӣ ҳисоббаробаркунӣ дар моҳи пурраи тақвимии охирон анҷомдодашуда ҳисобида мешавад;

в) дар сурати бекор кардан ё пӯшонидани ӯҳдадории молиявии андозсупоранда, аз ҷумла ҳангоми баҳисобгирии байниҳамдигарӣ, лаҳзаи гирифтани даромад лаҳзаи бекор кардан ё пӯшонидани ӯҳдадорӣ ба ҳисоб меравад;

г) пардохти (аванси) аз ҳисоби бор кардани молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) пешакӣ гирифташуда дар андозсупорандагони низоми соддакардашудаи андозбандиро истифодакунанда ба таркиби объекти андозбандӣ дар давраи ҳисоботӣ (андозӣ) гирифтаи он дохил мешавад.

***Мисол:*** *Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Алфа» 10 январи соли 2013 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бета» ба маблағи 10 000 сомонӣ мол таҳвил (бор фиристонид) намуд.*

*Агар ҶСП «Алфа» то 10 июли соли 2013 барои моли таҳвилнамуда аз ҶДММ «Бета» пардохт нагирад, маблағи моли таҳвилшуда (фиристодашуда) ба андозаи 10 000 сомонӣ дар моҳи июли соли 2013 барои ҶСП «Алфа» объекти андозбандӣ ҳисобида шуда бо андози низоми соддкардашуда андозбандӣ карда мешавад. Дар ин сурат пардохти минбаъда барои моли таҳвилшуда объекти андозбандии андози низоми соддкардашуда эътироф карда намешавад.*

***Мисол:*** *ҶСК «Алфа» 15 феврали соли 2013 аз ҳисоби корҳои сохтмонии оянда (дар пеш истода) ба маблағи 10 000 сомонӣ пешпардохт (аванс) гирифт. Новобаста аз он ки корҳои сохтмонӣ ва санади иҷроиши кор дар давраи оянда иҷро шуда ба имзо мерасанд барои ҶСК «Алфа» лаҳзаи гирифтани пешпардохт (аванс) ба маблағи 10 000 сомонӣ, яъне 15 феврали соли 2013 объекти андозбандӣ мебошад ва бо андози низоми соддкардашуда андозбандӣ карда мешавад.*

***Мисол:*** *ҶСП «Бета» тибқи шартнома ба мӯҳлати як сол аз ҶДММ «Алфа», супорандаи андози низоми соддкардашуда мебошад ба андозаи 100 000 сомонӣ қарз гирифт. Тибқи шартҳои шартнома фоизҳо барои истифодаи қарз дар як сол 15 фоизро ташкил медиҳанд. Бо гузаштани мӯҳлати қарз ҶСП «Бета» ӯҳдадор аст ба ҶДММ «Алфа» маблағи асосии қарз ба андозаи 100 000 сомонӣ ва фоизҳои ба он ҳисобшударо ба андозаи 15 000 сомонӣ баргардонад.*

*ҶСП «Бета» ҳамчун агенти андоз баромад намуда ҳангоми пардохти фоизҳо, андоз аз фоизҳоро бо меъёри 12 фоиз меситонад ва қисми боқимондаро ба ҶДММ «Алфа» пардохт менамояд.*

| | |
|---|---|
| *Маблағи қарз* | *100 000 сомонӣ* |
| *Фоизҳо* | *15 000 сомонӣ* |
| *Андоз аз фоизҳо* | *15 000 *12% =1 800 сомонӣ* |
| *Ба ҶДММ «Алфа» пардохта мешавад* | *15 000 -1 800 = 13 200 сомонӣ* |

*Даромадҳо дар шакли фоизҳо ба андозаи 13 200 сомонӣ, ки мутобиқи банди 6 ҳамин Дастурамал андозбандӣ шудаанд ба даромади умумии гирандаи онҳо дохил намешаванд, яъне ҶДММ «Алфа» минбаъд бо андози низоми соддкардашуда андозбандӣ карда намешавад. Тартиби баҳисобгирии пешбининамудаи қисми 4 моддаи 127 Кодекси андоз дар ин мисол (ҳолат) роҳ дода намешавад. Баргардонидани маблағи қарзи асосӣ ба андозаи 100 000 сомонӣ даромади ҶДММ «Алфа» ба ҳисоб намеравад, бинобар ин оид ба он объекти андозбандии андози низоми соддакардашуда пайдо намешавад.*

## 4. Манбаи андоз, давраи андоз, меъёри андоз, тартиби ҳисоби андоз ва мӯҳлати пешниҳод намудани эъломия

14. Манбаи андоз оид ба андози низоми соддакардашуда ифодаи пулии даромади умумии дар давраи андоз гирифташуда эътироф карда мешавад.

15. Давраи андоз семоҳа эътироф карда мешавад.

16. Меъёри андози низоми соддакардашуда ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо – 5 фоиз;
- барои намудҳои дигари фаъолият – 6 фоиз.

Зери мафҳуми фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо – фаъолияти соҳибкорие фаҳмида мешавад, ки даромади он асосан аз истеҳсол ва фурӯши молҳои (молу мулки моддӣ) истеҳсолшудаи худи андозсупоранда гирифта шудааст.

17. Андози низоми соддакардашуда ҳамчун ҳосили зарби манбаи андози дахлдор ба меъёри андоз ҳисоб карда мешавад.

18. Ҳангоми аз ҷониби андозсупоранда амалӣ гардидани якчанд намудҳои фаъолият, баҳисобгирии даромади умумӣ барои ин намудҳои фаъолият, инчунин ҳисоб намудани маблағҳои андози дахлдор ҷудогона бурда мешавад.

19. Маблағи ҳисобшудаи андози низоми соддакардашуда супорида мешавад ва эъломияи андоз ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10-уми моҳе, ки

баъд аз давраи андоз фаро мерасад, бо шакли дар Замимаи №1 ба Дастурамали мазкур овардашуда пешниҳод карда мешавад.

20. Пардохти андози низоми соддакардашуда ба буҷети маҳаллӣ дар маҳаллӣ баҳисобгирии андозсупоранда анҷом дода мешавад.

***Мисол:*** *Намуди асосии фаъолияти ҶДММ «Алфа» истеҳсол ва фурӯши шарбатҳои аслӣ ва ҳар гуна консерваҳо ба ҳисоб меравад. Ҷамъият андозҳоро бо низоми соддкардашудаи андозбандӣ пардохт менамояд. Барои мақсадҳои истеҳсоли шарбатҳои аслӣ ва консерваҳо Ҷамъият аз аҳоли маҳсулоти хомро харида ва бо роҳи коркард, коркарди ҳароратӣ, рехтан, печондан ва г., маҳсулоти тайёрро мебарорад ва онро ба воситаи шабакаи нуқтаҳои фурӯш мефурӯшад. Дар ин мисол даромади Ҷамъият аз истеҳсоли шарбатҳо ва консерваҳо бо андози низоми соддкардашуда бо меъёри 5 фоиз андозбандӣ карда мешавад, чунки фаъолияти ҶДММ «Алфа» ба меъёрҳои (критерияҳои) пешбининамудаи банди 16 ҳамин Дастурамал ҷавобгу мебошад.*

*Ба ғайр аз ин, Ҷамъият аз додани иҷораи биноҳои анборӣ даромад дорад. Бо назардошти он ки мутобиқи банди 16 ҳамин Дастурамал даромади Ҷамъият аз иҷораи биноҳои анборӣ ҳамчун даромад аз фаъолияти истеҳсоли молҳо баҳо дода намешавад, ин намуди даромад бо меъёри 6% бо андози низоми соддакардашуда андозбандӣ карда мешавад.*

***Мисол:*** *ҶДММ «Текстил» (Фармоишгар) ва Фабрикаи дӯзандагии «Дӯзанда» (пудратчӣ) шартнома бастанд, ки мутобиқи он ҶДММ «Текстил» ба фабрикаи дузандагии «Дӯзанда» 1000 метр матоъро барои дӯхтани халати занона медиҳад. Арзиши корҳо оид ба дӯзандагӣ, ки бо шартнома муайян карда шудааст 10 000 сомониро ташкил медиҳад.*

*Муомилае, ки ҳангоми он фармоишгари ашёи хом бе гузаштани ҳуқуқ ба моликият, ашёи хомро ба пудратчӣ барои аз ин ашёи хом тайёр намудани маҳсулоти лозимаи фармоишгар дар корхонаҳои истеҳсолӣ, ки натиҷаи коркарди моликияти фармоишгар ба ҳисоб меравад, медиҳад барои пудратчӣ барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун фаъолияти истеҳсолӣ эътироф карда намешавад, чунки пудратчӣ (коркардкунанда) корро оиди тайёр намудани маҳсулот аз ашёи хоми фармоишгар иҷро мекунад ва барои ин иҷроиш подошпулӣ мегирад ва худсарона маҳсулоти коркардаро (халатҳои занонаро) ҳуқуқи фурӯхтан надорад.*

*Дар сурате, ки агар ҶДММ «Текстил» ба ҳисоби пардохти корҳо ба фабрикаи дузандагӣ «Дузанда» як қисми халатҳои занонаро диҳад, пас фурӯши халатҳои занонаи дар шакли подошпулӣ гирифташуда ҳам барои Фабрикаи дӯзандагӣ «Дузанда» ҳамчун фаъолияти истеҳсолӣ баҳо дода намешавад, чунки дар ин амалиёт фурӯши маҳсулоти ҶДММ «Текстил» дар шакли ҳисоббаробаркунӣ барои иҷрои корҳо гирифташуда ҷой дорад.*

*"Фаъолияти истеҳсолӣ", ки дар банди 16 Дастурамали мазкур нишон дода шудааст истеҳсолӣ молу мулки моддӣ ва фурӯши онро дар назар дорад. Дар мисоли дар болоовардашуда Фабрикаи дӯзандагии "Дӯзанда" ҳуқуқ ва имконияти ихтиёран фурӯхтани халатҳои занонаро надорад, зеро ки соҳибмулки ин молу мулк намебошад. Бинобар ин, бо сабаби мавҷуд набудани*

*критерияи “фурӯши молҳои истеҳсолнамудаи хади андозсупоранда” фаъолияти Фабрикаи дӯзандагии “Дӯзанда” дар мисоли зикргардида ҳамчун фаъолияти истеҳсолӣ баҳо дода намешавад ва бояд бо андози низоми соддкардашуда бо меъёри 6% андозбандӣ карда шавад.*

*Бинобар ин, подошпулии Фабрикаи дӯзандагии “Дӯзанда” аз дӯхтани халатҳои занона гирифташуда бояд бо андози низоми соддакардашуда бо меъёри 6 фоиз андозбандӣ карда шавад.*

*10 000 *6% = 600 сомонӣ.*

***Мисол:** ҶДММ «Актив» дар моҳи январи соли 2013 ҳамчун супорандаи андози низоми соддакардашуда ба қайд гирифта шудааст.*

*Ҷамъият дар семоҳаи якуми соли 2013 чунин амалиётҳоро дорост:*

*а) ба маблағи 10 000 сомонӣ хизмат расонида шудааст, ҳамаи маблағҳои хизматҳои расонидашуда аз ҷониби шарикони аҳдкунанда дар семоҳаи ҷорӣ пардохт шудаанд;*

*б) ба маблағи 20 000 сомонӣ молҳо фурӯхта шудаанд, ки шарикони аҳдкунанда ба суратҳисобҳои бонкӣ ва ба кассаи Ҷамъият 16 000 сомонӣ барои молҳои фурӯхташуда пардохт намуданд;*

*в) тибқи шартномаи хизматрасонӣ, ки онҳо дар семоҳаи дуюм расонида мешаванд ба андозаи 7 000 сомонӣ пешпардохт (аванс) гирифта аст;*

*г) аз муассис ба андозаи 3000 сомонӣ қарз (заём) гирифтааст, ки муассис дар ҳамин семоҳа ҳамаи маблағи қарзи Ҷамъиятро оид ба қарзи қаблан додашуда бахшидааст.*

*Манбаи андоз барои низоми соддкардашуда баробар аст:*

*10 000 + 16 000 + 7 000 + 3000 = 36 000 сомонӣ.*

*Маблағи андози низоми соддакардашуда баробар аст:*

*36 000 * 6% = 2 160 сомонӣ.*

***Мисол:** Амалиёти Ташкилоти молиявии хурди «А» барои семоҳаи якуми соли 2013:*

*1. Даромадҳо дар шакли фоизҳо аз рӯи қарзҳои қаблан додашуда ба андозаи 5000 сомонӣ ҳисоб карда шуданд;*

*2. Ба суратҳисоби бонкӣ аз рӯи фоизҳои қаблан ҳисобшуда ба андозаи 2000 сомонӣ воситаҳои пулӣ қабул карда шуд;*

*3. Ба суратҳисоби бонкӣ ба андозаи 10 000 сомонӣ барои адо намудани маблағи асосии қарзи хурд гирифта шуданд;*

*4. Техникаи компютерии корношоям ба маблағи 12 000 сомонӣ фурӯхта шуд. Мутобиқи шартҳои шартнома харидор 6 000 сомониро дарҳол баъд аз баимзорасонии шартнома пардохт намуд, қисмати боқимондаи пардохт бояд бо гузаштани 3 моҳ баъд аз баимзорасонии шартнома адо карда шавад.*

***Қарор:***

*Манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози тибқи низоми соддакардашуда пардохташаванда 8 000 сомониро ташкил медиҳад (2000+6000).*

*Маблағи андоз 8 000 * 6% = 480 сомонӣ.*

*Адо намудани маблаги асосии қарз даромади Ташкилоти молиявии хурди «А» эътироф карда намешавад, бинобар ин ба манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози низоми соддакардашуда дохил карда намешавад.*

*Даромадҳо дар шакли фоиз аз рӯи қарзҳои хурди қаблан додашуда ба андозаи 5 000 сомонӣ ҳисоб шуданд, ки онҳо ба хазина, суратҳисоби бонкӣ ё бо тариқи дигар ба манбаи андоз барои ҳисоб намудани андоз ба ҳисоб гирифта нашудаанд, дохил карда намешаванд.*

## 5. Гузариш аз низоми умумии андоз ба низоми соддакардашудаи андоз, инчунин гузариши баръакс

21. Гузариш аз низоми умумии андозбандӣ ба андози низоми соддакардашуда, инчунин гузариши баръакс аз 1-уми январи соли тақвимӣ бо чунин тартиб амалӣ карда мешавад:

а) агар аз рӯи натиҷаҳои соли тақвимии гузашта даромади умумии андозсупорандаи истифодабарандаи низоми умумии андоз аз ҳадди даромад кам бошад ва агар баъди гузариши охирон аз системаи соддакардашудаи андоз ба низоми умумӣ 3 соли тақвимӣ гузашта бошад, андозсупорандаи мазкур ӯҳдадор аст на дертар аз 10-уми январи соли ҷорӣ ба таври хаттӣ мақомоти андози маҳалли баҳисобгириашро оид ба ҳаҷми даромади худ хабардор созад ва доир ба гузариш ба андози низоми соддакардашуда аз 1-уми январи соли ҷории тақвимӣ ариза диҳад. Шакли ариза дар замимаи №2 Дастурамали мазкур оварда шудааст;

б) агар дар давоми соли тақвимии гузашта даромади умумии андозсупорандаи истифодабарандаи андози низоми соддакардашуда (бо дарназардошти даромадҳои дигаре, ки дар ҳолати истифодабарии низомҳои дигари андозбандӣ ба даст омадаанд) аз ҳадди даромад зиёд бошад, андозсупорандаи мазкур ӯҳдадор аст на дертар аз 10-уми январи соли ҷорӣ бо тариқи хаттӣ мақомоти андози маҳалли баҳисобгириашро оид ба ҳаҷми даромади умумии худ хабардор созад ва доир ба гузариш ба низоми умумии андоз аз 1-уми январи соли ҷории тақвимӣ ариза диҳад. Шакли ариза дар замимаи №3 Дастурамали мазкур оварда шудааст;

22. Дар ҳолати аз ҷониби худи андозсупоранда иҷро нагардидани талаботи зербандҳои а) ва б) банди 21 ҳамин Дастурамал, мақомоти дахлдори андоз гузариши чунин андозсупорандаро ба дигар низоми андозбандӣ таъмин карда, дар ин хусус ин андозсупорандаро хабардор месозад, инчунин ӯро барои сари вақт ба дигар низоми андозбандӣ нагузаштан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ мекашад.

***Мисол:*** *Даромади умумии тибқи усули кассавӣ ҳисобнамудаи андозсупорандаи низоми соддкардашудаи андозбандиро истифодакунанда бе назардошти баҳисобгирии (бе назардошти баҳсобгирии андози аксизӣ ва андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия) дар моҳи августи соли 2013 аз 500 000 сомонӣ (ҳадди дар банди 3 Дастурамали мазкур муқаррааргардида) зиёд шуд. Ҳатто дар сурати зиёд шудани ҳадди даромад*

*ин андозсупоранда то охири соли 2013 (31 декабри соли 2013) супорандаи андози низоми соддакардашудаи андозбандӣ боқи мемонад.*

*Андозсупоранда то 10 январи соли 2014 ӯҳдадор аст оид ба гузариш аз низоми соддкардашудаи андозбандӣ ба низоми умумии андозбандӣ ариза диҳад. Дар ин сурат, гузариш аз низоми соддкардашудаи андозбандӣ ба низоми умумии андозбандӣ аз 1 январи соли 2014 иҷро карда мешавад.*

***Мисол:** Дар соли 2010 андозсупоранда аз низоми соддкардашудаи андозбандӣ ба низоми умумии андозбандӣ гузашт ва то соли 2013 андозҳоро тибқи низоми умумии андозбандӣ пардохт намуд. Бо ҷамъбасти соли 2013 даромади умумии тибқи усули ҳисобу замкунӣ ҳисобнамудаи андозсупорандаи низоми умумии андозбандиро истифодакунанда 450 000 сомониро, яъне аз ҳадди даромади дар банди 3 ҳамин Дастурамал пешбинигардида ба андозаи 500 000 сомонӣ пасттарро ташкил намуд.*

*Мутобиқ ба талаботи зербанди а) банди 20 Дастурамали мазкур ин андозсупоранда ӯҳдадор аст на дертар аз 10 январи соли 2014 оид ба гузариш аз низоми умумии андозбандӣ ба низоми соддакардашудаи андозбандӣ ариза диҳад. Дар ин сурат, гузариш аз низоми умумии андозбандӣ ба низоми соддкардашудаи андозбандӣ аз 1 январи соли 2014 иҷро карда мешавад.*

## 6. Тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз ҳангоми гузариш аз як низоми андоз ба низоми дигар

23. Андозсупорандагоне, ки то гузариш ба андози низоми соддакардашуда ҳангоми ҳисоб намудани андозҳо аз рӯи низоми умумии андозбандӣ усули ҳисобу замкуниро истифода мебурданд, дар вақти пардохти андози низоми соддакардашуда қоидаҳои зеринро иҷро менамоянд:

а) маблағҳои пулии то гузариш ба андози низоми соддакардашуда ба ҳисоби пардохт тибқи шартномаҳое, ки андозсупоранда иҷрои онҳоро баъд аз гузариш ба андози низоми соддакардашуда амалӣ менамояд, гирифташуда ба манбаи андози низоми соддакардашуда дохил карда мешаванд;

б) маблағҳои пулие, ки баъд аз гузариш ба андози низоми соддакардашуда гирифта шудаанд, агар мувофиқи қоидаҳои баҳисобгирии андоз бо усули ҳисобу замкунӣ маблағҳои пешбинигардида ҳангоми ҳисоб намудани манбаи андоз доир ба низоми умумии андозбандӣ ба даромадҳо илова шуда бошанд, ба манбаи андоз дохил карда намешаванд.

24. Ба таркиби даромадҳои супорандаи андози низоми соддакардашуда ҳангоми гузариш ба низоми умумии андозбандӣ даромадҳои аз таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, ҳуқуқҳои молумулкӣ) дар давраи истифодаи андози низоми соддакардашуда, ки пардохти (пардохти қисмии) онҳо то санаи гузариш ба низоми умумии андозбандӣ амалӣ нашудааст, дохил карда мешаванд.

25. Даромадҳои дар банди 23 ҳамин Дастурамал пешбинигардида даромадҳои давраи охирини андоз то гузариш ба ҳисоб намудани манбаи андоз аз рӯи низоми умумии андозбандӣ эътироф карда мешаванд.

26. Ҳангоми гузариш аз низоми умумии андозбандӣ ба андози низоми соддакардашуда ва гузариши баръакс, андозсупорандагон дар мавриди андоз аз арзиши иловашуда қоидаҳои зеринро иҷро менамоянд:

а) ҳангоми гузариш ба андози низоми соддакардашуда маблағҳои андоз аз арзиши иловашуда, ки то чунин гузариш аз маблағи ба ҳисоби таҳвили минбаъдаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дар давраи пас аз гузариш ба андози низоми соддакардашуда пардохтшуда (қисман пардохтшуда) ҳисоб ва ба буҷет пардохт шудаанд, дар давраи охирини андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифта мешавад;

б) ҳангоми гузариш ба низоми умумии андозбандӣ маблағҳои андоз аз арзиши иловашуда, ки супорандагони андози низоми соддакардашуда барои бақияи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) харидааш супоридааст, аз ҷониби ин андозсупоранда дар давраи якуми андоз пас аз гузариш ба низоми умуми андозбандӣ доир ба андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

## 7. Имтиёзҳои андоз

27. Аз андозбандии андози низоми соддакардашуда озоданд:

а) муассисаҳо, ташкилотҳои динӣ, эҳсонкорӣ, ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва байнидавлатии (байналмилалии) ғайритиҷоратӣ, ба истиснои фоидае, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд. Ҳамзамон чунин муассисаҳо ва ташкилотҳо бояд баҳисобгирии ҷудогонаи фаъолияти асосӣ (фаъолияте, ки аз андози низоми соддакардашуда озод аст) ва фаъолияти соҳибкориро пеш баранд.

б) маблағгузарониҳои ройгон, молу мулки ройгон ва грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мегиранд ва барои фаъолияти ғайритиҷоратӣ истифода мебаранд, инчунин аъзоҳаққиҳо ва хайрияи ба онҳо дастрасшуда.

в) корхонаҳо, ба истиснои корхонаҳое, ки ба фаъолияти савдо, миёнаравӣ, таъминотӣ – фурӯш ва захиракунӣ машғуланд, ки дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:

- на камтар аз 50 фоизи шумораи кормандонро маъюбон ташкил медиҳанд;
- на камтар аз 50 фоизи маблағҳои музди меҳнат ва дигар таъминоти моддӣ, аз ҷумла натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст.

г) Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.

д) суди саҳмияҳое (дивидендҳое), ки корхонаҳои резидентӣ аз корхонаҳои резидентӣ мегиранд.

е) корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар мӯҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷмҳои дар поён пешбинигардидаи сармоягузориҳо ба мӯҳлати:

- 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА бошанд;
- 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА

то 2 миллион доллари ИМА бошанд;

- 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА бошанд;

- 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошанд.

28. Озодкунӣ аз андози низоми соддакардашуда (таътили андоз) мутобиқи зербанди е) банди 27 ҳамин Дастурамал дар ҳолати аз нав ба қайд гирифтани корхона ё азнавташкилдиҳии он, тағйирёбии моликони корхона, тағйирот дар шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва дигар чунин тағйирот татбиқ карда намешаванд. Имтиёзи мазкур нисбат ба шахсоне, ки низомҳои имтиёзноки андозбандиро истифода мебаранд (ё қаблан истифода мебурданд), татбиқ намегардад. Яъне, азнавташкилдиҳии субъекти хоҷагидорӣ дар ҳамагуна шакл ва ё тағйири ҳайати муассисон, номи он, маҳалли ҷойгиршавии он, ки сабаби азнавбақайдгирии субъекти хоҷагидор мегардад имтиёзҳои навро ба вуҷуд намеорад ва ба давомнокии имтиёзҳои амалкунандаи пешбининамудаи зербанди е) банди 27 ҳамин Дастурамал таъсир намерасонад.

Давраи имтиёзҳо, ки дар зербанди е) банди 27 ҳамин Дастурамал пешбинӣ шудааст, метавонад дар асоси аризаи андозсупоранда ҳангоми гузариш ба низоми махсуси андозбандӣ ва баръакс давом ёбад.

29. Озодкунӣ аз пардохти андози низоми соддакардашуда андозсупорандаро аз пешниҳод намудани эъломияи андоз доир ба даромадҳои озодкардашуда барои ҳар нимсолаи соли тақвимӣ на дертар аз санаи 20-уми моҳе, ки баъд аз нимсолаи хисоботӣ фаро мерасад, озод намекунад.

30. Супорандаи андози низоми соддакардашуда супорандаи чунин андозҳо ба ҳисоб намеравад:

а) андоз аз фоида, ба истиснои даромадҳое, ки аз онҳо андоз дар манбаи пардохт ситонида мешавад;

б) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

в) андоз аз даромад аз даромадҳои бевоситаи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, ба истиснои даромадҳое, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ карда мешаванд;

г) андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридоти молҳо ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андоз аз арзиши иловашудаи ғайрирезидент, ки дар манбаи пардохт ситонида мешавад.

31. Шахсоне, ки андози низоми соддакардашударо истифода менамоянд, аз иҷрои ӯҳдадориҳои агенти андози пешбининамудаи Кодекси андоз озод намебошанд.

## 8. Муқаррароти маъмурӣ

32. Мутобиқи қисми 10 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25.03.2011, №702 барои ташкилотҳои хурде, ки низоми соддкардашудаи андозбандиро истифода мебаранд, усули соддкардашудаи ҳисобдот ва баҳисобгирии

муҳосибӣ муқаррар карда мешавад, ки он аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 07.11.2009, №80 тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2009, №555 бақайд гирифта шудааст.

33. Назорати пардохти андози низоми соддакардашударо мақомоти андоз амалӣ менамоянд.

34. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони манасабдор, инчунин кормандони мақомоти андоз барои ба таври лозима иҷро накардани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.